**КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ**
**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Суроға: 734012, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 42/2, тел.: (992-37) 233-08-50, факс: (992-37) 233-09-36**
**www.andoz.tj, info@andoz.tj РМА 010008783**

**№** 9154/4-2 **аз «**09**»** 06 **соли 20**20

**Ба №___________ аз «___»_____________соли 20___**

Мақомоти ҳудудии андоз

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои сархати 11 банди 1 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии таъсири бемории сироятии COVID-19 ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 июни соли 2020, № 1544 мактуби дастурии мазкурро ба Шумо барои истифодаи хизматӣ ирсол менамояд.

Тибқи сархати 11 банди 1 Фармони мазкур “аз 1 май то 1 сентябри соли 2020 ба шахсони воқеӣ барои пардохти андозҳо аз молу мулки ғайриманқул таътили андозӣ муқаррар карда шудааст”.

Бояд қайд намуд, ки тибқи талаботи қисми 1, банди 9, моддаи 17 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таътили андоз яке аз шаклҳои имтиёзҳои андозӣ ба ҳисоб рафта, ин додани имконияти напардохтан ё дар ҳаҷми камтар ва ё дар мӯҳлати нисбатан дертар супоридани андозҳоро дар назар дорад.

Дар моддаи 282 Кодекси андоз мӯҳлати пардохти андозҳо аз молу мулки ғайриманқул (қитъаҳои заминҳо ва (ё) объектҳои ғайриманқули) барои шахсони воқеъӣ дар маҳалҳои аҳолинишин ва берун аз он ҷойгиршуда барои давраи дуюм то 15 май дар ҳаҷми мутаносибан на кам аз 35 - 50 фоизи маблағи солона муқаррар гардидааст.

Ҳамзамон, мӯҳлати пардохти андози мазкур барои шахсони воқеъие, ки объектҳои молу мулки ғайриманқули худро дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода мебаранд, мӯҳлати пардохти ин андоз барои соли ҷории андоз барои давраи якум ва дуюм мутаносибан санаи 15 июн ва 15 август дар ҳаҷмҳои на кам аз 33% ва 66%-и солона муқаррар гардидааст.

Яъне, тибқи муқаррароти мазкур шахсони воқеӣ - супорандагони андозҳо аз молу мулки ғайриманқул аз давраи 1 май то 1 сентябри соли 2020 аз пардохти маблағи андозҳо озод нагардида, балки барои сари вақт пардохт накардани маблағи ҳисобшудаи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул (новобаста аз таъиноти истифодабарии объекти молу мулки ғайриманқул) барои давраи зикргардида фоизҳо ҳисоб ва пардохт карда намешаванд.

Инчунин, қайд намудан ба маврид аст, ки тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии таъсири бемории сироятии COVID-19 ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 июни соли 2020, №1544 шахсони воқеъӣ уҳдадоранд пас аз ба итмом расидани мӯҳлати муқарраршуда, яъне баъд аз 1 сентябри соли 2020 маблағи ҳисобшудаи андозҳо аз молу мулки ғайриманқули худро мустақилона тибқи тартиби муқарраршуда ба буҷет пардохт намояд.

Дар ҳама ҳолат, барои уҳдадориҳои андозие, ки қаблан аз ҳисоби сари вақт пардохт накардани маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул низ ба вуҷуд омада буданд, то санаи 1 сентябри соли 2020 фоизҳо ҳисоб ва пардохт карда намешаванд.

Бинобар ин, бо мақсади дар амал дуруст татбиқ намудани муқаррароти Фармони мазкур мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати сари вақт ворид намудани объектҳои молу мулки азнавбаҳисобгирифташуда ба махзани маълумотҳои Кумитаи андоз чораҷӯӣ намуда, инчунин ба суроғаи шахсони воқеъие, ки ба ҳолати 1 майи соли 2020 аз ҳисоби андозҳо аз молу мулки ғайриманқул дар назди буҷет қарздор мебошанд огоҳномаҳо ирсол намуда, иҷрои онро таъмин намоянд.

Раис Н. Давлатзода